# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № 12**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 08.04.2023, № 12.3**

Барои сазовор донистани Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи «Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя санаи 07.01.2023 қабул карда шуд, протоколи № 12.1 шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-13 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1), ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №10/шд аз 07.01.2022 таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна, санаи таваллуд 4 августи соли 1989, соли 2012 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намудааст, фаъолияти педагогии худро аз соли 2017 оғоз намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Самадова Заррина Акрамҷоновна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди инноватсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**:

Мирсаидов Аврор Бобоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Аминҷонова Муҳиба Муҳамаднасимовна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа - мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, номзади илмҳои

иқтисодӣ, дотсент Тағоев Бахром Дустмаҳмадович, муқарриз - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Сафаров Алишер Ҳикматуллоевич, котиби ҷаласа - муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Чоршанбиев Садриддин Раҷҷаббоқиевич имзо гардидааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионӣ кори мустақилона ва бaанҷомрасида мебошад, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва муаллифи он Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 19 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 5 мақола чоп кардааст.

**Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:**

1.Қурбонова Ш.Х. Оид ба масъалаҳои такомули пиёдагардонии сиёсати буҷетии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2018.- № 4 (47). - С.101-106.

2.Қурбонова Ш.Х. Омилҳои ниҳодии рушди иқтисодии минтақа (нигоҳҳои назариявӣ) [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2019. - № 4 (51). - С. 109- 114.

3. Қурбонова Ш.Х. Равияҳои такмили механизмҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа (таҷрибаи хориҷӣ) [Матн] / Ш.Х.Қурбонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2020.- № 4 (55). - С. 81- 85.

4. Қурбонова Ш.Х. Омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир: давлат ва нақши он дар иқтисодиёти вилояти Суғд [Матн] // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2021.- № 1 (86). - С. 65-73.

5. Қурбонова Ш.Х. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди минтақаи озоди иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. А. Самадова, Ш.Х.Қурбонова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - № 4 (1). - С.168-173.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Самандарзода Искандар Ҳусейн** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо эродҳои зерин: 1) Ба таклифу

тавсияҳои мушаххас, ки дар бобати ҷорӣ намудани барномаи навоварона оид ба рушди низоми иқтисодии минтақа вобастааст, бештар диққат дода шуда мешуд, хуб мебуд. 2) Беҳтар мегардид, ки агар муаллиф хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои институтсионалӣ дар рушди иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам возеҳтар шарҳ дода мешуд.

**2. Раҳимов Пайрав Сафаралиевич –** номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, бо эродҳои зерин: 1) Дар қисмати "Дараҷаи таҳқиқи мавуи илмӣ" ҳангоми овардани руйхати олимони ватанию хориҷӣ ба таври мушаххас нишон додани самти тадқиқиоти онҳо метавонист ин қисмати корро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад. 2) Дар автореферати диссертатсия ҳаҷми сармоягузории асосии вилояти Суғд ба ҳар сари аҳолӣ дар шакли ҷадвал оварда шудааст (саҳ. 14).

**3. Бобоев Алимурод Меликмуродович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар банди 5 – уми навгонии илмии диссертатсия омилҳои институтсионалии ба фаъолияти соҳибкорӣ монеакунанда номбар карда шудаанд. Хуб мешуд, агар дар ин радиф омилҳои институтсионалии мусоидаткунанда низ оварда мешуданд. 2) Дар ҷадвалҳои овардашуда марҳилаи таҳқиқотӣ то 2020 – ро фаро гирифтааст. Баҳри пурратар ва ба марҳилаи имрӯза наздик гардонидани он хуб мешуд, агар таҳлили маълумотҳо соли 2021 - ро низ дар бар мегирифт.

**4. Қосимова Мавҷуда Ҳалимовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо эроди зерин: Агар дар автореферат натиҷаи пурсишномае, ки байни соҳибкорони шаҳру ноҳияҳо гузаронида шудааст, бештар шарҳ дода мешуд, хуб мешуд.

**5. Мухамедов Фарҳод Турсунбаевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор декани факултети молияи Донишгоҳи молияи Тошкенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо эроди зерин: Муаллиф дар саҳифаи 11 дар бораи ҷолибии таҷрибаи хориҷии идоракунии давлатии механизмҳои институтисоналӣ дар доираи ҳудудӣ/минтақавӣ, ки ба муқаррар намудани муносибатҳои байни давлат ва ҷузъҳои таркибии он – минтақаҳо, инчунин байни минтақаҳо нигаронида шудааст, қайд кардааст. Шояд дар диссертатсия ҷой дорад аммо он дар автореферат ба таври кофӣ кушода дода нашудааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

***коркард карда шуд:*** чораҳо оид ба таъмини зичии ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, соҳибкорон, ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати

фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ дар вилояти Суғд. Алалхусус, таҳияи стратегияи рушди шаҳру ноҳияҳо; ташкили равзанаи ягона барои сармоягузорон бо мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия; дастгирии лоиҳаҳои мушаххаси инвеститсионӣ; амалишавии принсипҳои зерин: байни ҳамкорон, яъне сектори хусусӣ ва давлатӣ: баробарӣ; ҷалбшавӣ; шаффофият, синергия;

***ақида пешниҳод шудааст,*** ки таҳкими таҳкурсии институтсионалӣ баҳри ташаккули муҳити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ заминаи стратегӣ дар самти ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди устувори низоми иқтисодии минтақа мебошад;

***исбот шудааст,*** ки муаммоҳое, ки дар фаъолияти низомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа ҷой доранд, аз маҷмӯи сохторҳои ташкилию функсионалӣ иборатанд. Аз он ҷумла: дар фаъолияти зерсистеми институтҳои пулию қарзӣ: сатҳи баланди мизони қарз; дар самти институти зиддинҳисорӣ: маҳдуднокии мустақилияти хоҷагидорӣ; институти назоратӣ-меъёрӣ: миқдори зиёди тафтишот, ниҳоди андозӣ: гаронии андоз; ниҳоди маъмурӣ: барзиёдии миқдори ҳуҷҷатҳо, мураккабӣ, сарфи вақти зиёд барои иҷозатнома; зерсистеми гумрук: расмиёти барзиёдатии муносибати ғайриқтисодӣ, боҷу хироҷҳо;

***ворид намудани*** саҳеҳӣ ба қисматҳои таркибии низоми институтсионалӣ, ки дар асоси низомбандии консепсияҳои институтсионалии рушди иқтисодиёт имконпазир гардидааст ва он аз маҷмуаи се унсур иборат аст, яъне: омилҳо (моликият, давлат, низоми молиявӣ, субъектҳои хоҷагидор); шароит (анъана, одат, маданият, рафтор, дин), фишангҳо (меъёр, нақшаю барнома, аҳду шартномаҳо, дастурамал, муқаррарот).

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

***исбот намудани*** нишондиҳандаҳое, ки дар байни индикаторҳо чун натиҷаи таъсири омилҳои институтсионалӣ дар минтақа дар се гуруҳ, яъне рушди сармояи инсонӣ (сатҳи маълумотнокӣ, дарознокии умр, рушди даромаднокии аҳолӣ); афзоиши инвеститсияҳо (сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ, фаъолнокии иқтисодӣ, рушди савдои беруна); баланд бардоштани рақобатпазирӣ (аз сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд будани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ) бояд инъикос гарданд;

***истифода бурдани*** услубҳои таҳқиқотии гуногун, алалхусус, усули диалектӣ, таҳлили муқоисавӣ, интегралӣ, методи комплексӣ, омилӣ, оморӣ, арзёбии коршиносӣ (экспертӣ), пурсиши анкетавӣ, таҳлил ва синтез баҳри ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда;

***баён шудани*** таъсири омилҳои институтсионалӣ дар сатҳи минтақа ба индикаторҳои иқтисодӣ - иҷтимоии рушди минтақа. Муайян гардидааст, ки

таъсири омилҳои институтсионалӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои таркибии сармояи инсонӣ (маориф, тандурустӣ, таъминноки бо фонди манзил), минтақаи Суғд аз дигар минтақаҳо пешрафта, нисбат ба меъёрҳои ҷараёни инвеститсионӣ (ҳаҷми сармоягузорӣ, фаъолияти корхонаҳо) ақибмонӣ дорад, зеро шохиси он аз нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ паст аст;

***ошкор гардидани*** механизми институтсионалии рушди минтақа, ки аз се ҷузъ иборат аст: мавҷудияти банақашагирии стратегӣ (стратегия, барномаҳо); мақомоти махсус оид ба рушди минтақавӣ; шароитҳои мусоид барои таъмини рушди ҳудудҳои ақибмонда;

***омӯхта шудани*** таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он қобили қабул арзёбӣ намудани таҷрибаи Чин, ки дар он коркарди стратегияи панҷсолаи рушди минтақаҳои қафомонда ҷой дошта, реҷаҳои махсус дар соҳаи молия, андоз нисбати чунин минтақаҳо қабул карда мешаванд, ки дар навбати худ ду шарти ҳатмиро доранд, яъне таъминнокӣ бо инфрасохтор ва шароити махсус барои рушди соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад;

***аз нав такмил додани*** низоми иҷозатдиҳӣ, рафъи монеаҳо дар роҳи ҷорӣ намудани иҷозатномаҳои беасоси нав барои соҳибкории хурду миёна, ихтисор кардани шумораи санҷишҳои соҳибкории хурду миёна, истисно сохтани нусхабардории вазифаҳои назоратии мақомоти давлатӣ, ҷалби машваратгарони байналхалқии соҳавӣ барои корхонаҳои хурду миёна ба мақсади инкишофи бизнес-салоҳиятҳо ва малакаи пешбурди тиҷорат.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати беҳтар гардонидани муҳиди мусоиди барои фаъолият, такмили идоракунии иқтисодиёти ҳудуд, бунёди ҷаззобияти инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа, ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ истифода карда шудааст;

***муайян карда шуданд:*** низоми институтсионалии идоракунии минтақа бо хислати номуттасил тавсиф мешавад, ки дар набудани эътидоли байни мақсадҳои рушди иқтисодӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сохторҳои ташкилию институтсионалӣ зоҳир мегардад; сифати пасти механизмҳои низоми институтсионалӣ ба фаъолнокии кории соҳибкорӣ мамониат мекунад ва рушди иқтисодии минтақаро нигоҳ медорад;

***офарида шудааст:*** мониторинги муҳити соҳибкорӣ ва фаъолнокии корӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои он рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилоят муайян карда мешавад, ба сифати фишанги институтсионалӣ баромад мекунад, ки ба арзёбии дараҷаи таъсири (инкишофдиҳанда ё боздоранда) омилҳои институтсионалии рушди соҳибкорӣ ба ҳудуди мушаххас ва коркарди низоми тадбирҳои ба рушди онҳо нигаронида мусоидат мекунад;

***муаррифӣ карда шуданд:*** муҳити институтсионалӣ аз мавқеи соҳибкорон мураккаб арзёбӣ мегардад ва суръати рушдро бозмедорад. Бештар омилҳои асосии институтсионалӣ: дастраси ба захираҳои молиявӣ, саривақт дастрас нагардидани иттилооот, нокифоягии саводнокӣ дар самти ҳуқуқи соҳибкорӣ, барзиёдатии хароҷоти трансаксионии соҳибкорон дар иртибот бо номукаммалии институти танзимоти маъмурӣ ҳоло боздоранда дар вилояти Суғд мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

***назария*** бо таҳқиқи консепсияҳои институтсионалии рушд ва муқаррар кардани нақши онҳо дар низоми иқтисодиёти минтақа; инчунин бо омӯзиши методикаи арзёбии вазъи институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа, аз ҷумла таҷрибаи хориҷӣ оид ба идораи механизмҳои институтсионалӣ ***тасдиқ мегардад***;

- ***ғоя асоснок шудааст*** такя ба дастуру супоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои асосҳои институтсионалӣ, барномаҳои давлатӣ, алахусус Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои пурсишнома, маводҳои маълумотӣ ва таҳлилӣ, маводи нашрияҳои илмӣ, мақолаю рисолаҳо, додаҳои шабакаи Интернет;

- усулҳои комплексии таҳлили шохисҳо, аз он ҷумла усули оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалӣ, методҳои муқоисакунӣ, маҷмуавӣ ва низомӣ, хулосабарорӣ, пурсишӣ, мулоҳиза бо мутахассисон, усулҳои тамоюлӣ васеъ ***истифода шудаанд***;

***муайян шудаанд:*** ғояҳои коркарди диссертатсия, натиҷаҳои асосии илмӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муҳити институтсионалӣ дар минтақа, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва истифодаи дастовардҳои назарраси назария ва амалия, ки ба бештари сарчашмаҳо, таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки доир ба ин мавзуъ бахшида шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- интихоби мавзуи диссертатсия, таҳияи нақша, иҷроиши кор, омода намудани маърӯзаҳои илмӣ;

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар коркарди нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва ҳалли масъалаҳои асосии гузошташудаи кори илмӣ;

- иштироки бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар татбиқи баъзе аз нуктаҳои илмии диссертатсия дар фаъолияти раёсати минтақавии

рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд (маълумотнома дар бораи татбиқ №131/2 аз 22.09.2022), ва дар ҷараёни таълим дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" (маълумотнома дар бораи татбиқ № 01/6300 аз 28.09.2022);

- коркард намудани чораҳо оид ба рушди ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, соҳибкорон, ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ дар ҳудуди вилояти Суғд.

- интишори 19 мақолаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 8 апрели соли 2023 шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевнаро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шӯро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Шарифзода Мумин Машокир**

**И.в котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич**

***8 апрели соли 2023***